# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмат дар мавзуи «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон», ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Мафҳуми худшиносӣ таърихи дуру дароз, маъно ва мазмуни васею фарох дорад ва ба муҳтавои он на ҳама хонанда ба таври зарурӣ ва ба пуррагӣ сарфаҳм меравад. Диссертатсияи **Ёрматзода Алишер Ҷолмад дар мавзуи «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» мебошад, ки** ба яке аз масъалаҳои муҳими илми педагогикаи ватани дохил аст.

Автореферати диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмат нишон медиҳад, ки муаллиф масъалаи мавриди таҳқиқро ба таври ҳамаҷониба ва илмӣ таҳқиқ кардааст. Мавзуи интихобшуда дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, ба омӯзиши вазъ, шароит ва рушди технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон бахшида шудааст.

Мубрам будани мавзуъ шубҳае ба миён намеорад, зеро **технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон** ташаккули сифатҳои ахлоқи ҳаммида, алалхусус, дар руҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ, худшиносию худогоҳии миллӣ тарбия намудани насли наврас дар даврони муосир аҳамияти басо муҳимро касб кардааст.

Муаллиф дар кори худ имконият фароҳам овардааст, ки хусусиятҳои асосии тарзи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо оиларо дар таълиму тарбияи хонандагонро мавриди амал қарор додааст, ҳамчунин роҳҳо ва усулҳои ҳамкорӣ, роҳҳои баланд бардоштани сатҳи худшиносии хонандагонро ба таври муфассал нишон дода шудааст.

Муаллиф дар таҳқиқи масъала аз доираи васеи адабиёти илмӣ истифода бурда, алоқамандии масъалаи таҳқиқшавандаро бо вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври возеҳ нишон додааст. Гузоришҳои овардашуда бо далелҳо ва иқтибосҳо аз манбаъҳои мӯътабар тасдиқ шудаанд, ки ин ба эътимоднокии онҳо мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, автореферат бо забони равон, илмӣ таҳия шудааст, ки аз сатҳи баланди омодагии илмии муаллиф ва дониши методологиву таҳлилии ӯ шаҳодат медиҳад. Аз банду баст ва мухтавои автореферат муайян мегардад, ки диссертатсияи мазкур мувофиқ ба талаботи мавҷудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссетртатсияҳои

номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисос иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад.

Муаллиф оид ба мавзуи диссертатсияи худ 33 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла, 13 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ва 20 мақола дар дигар нашрияҳо ба нашр расонидааст.

Хулоса, диссертатсияи **Ёрматзода Алишер Ҳолмат дар мавзуи «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ** кори мантиқан ба анҷом расида ҳисобида шуда, ба бандҳои асосии «Талаботи додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии **аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)** мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзадӣ илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи умумидонишгоҳии **психологияи**
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Олимов Т. Ш.

Имзои Т. Ш. Олимовро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ____________ Мустафозода А.

Маълумот барои тамос: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 121;
тел.:+992000055552
«_24_»____07____ соли 2025